# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарипов Хуршед Алихонович дар мавзӯи “Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ»)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забони хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ бештар ба проблемаи информатизатсия ҳамчун самти асосии модернизатсияи низоми таҳсилот равона мегардад ва он ҳамчун яке аз проблемаҳои асосии стратегияи рушди тамаддун баррасӣ ва арзёбӣ мешавад. Дар робита ба ин, дар солҳои соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ дар соҳаи сиёсати давлатӣ оид ба таҳсилот якчанд барномаҳои давлатӣ, қонунҳою стратегияҳо ва консепсияҳо қабул карда шуданд. Дар «Барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» самтҳои асосӣ ва вазифаҳои таҳсилоти иттилоотӣ-коммуникатсионӣ возеҳу равшан муайян карда шудааст.

Мубрамияти таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки айни замон, технологияҳои иттилоотӣ қисми ҷудонопазири ҳаёти мо гаштаанд. Ҳоло соҳаи фаъолияти инсонро қариб пайдо кардан мумкин нест, ки дар он баъзе вазифаҳо тавассути компютер ва интернет ҳалли худро наёбанд. Пешрафтҳои охирини технологияҳои олӣ ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки раванди таълимро такмил диҳанд ва ба пойгоҳи сифатан нав гузаранд. Интиқоли иттилоот тавассути асбобу анҷомҳои гуногуни нармафзор ва сахтафзор имконпазир гардид, ки имкон медиҳад маълумотро дар шакли садоӣ ва визуалӣ, яъне мултимедӣ коркард намуд.

Муҳаққиқ бартарии истифодаи дастгоҳҳои мобилиро нишон дода, қайд кардааст, ки аксарияти устодони донишгоҳҳо ҳангоми хондани лексияҳо, баромадҳо, маърӯзаҳо аз васоити электронӣ дар якҷоягӣ бо воситаҳои намоишӣ истифода мебаранд. Аммо имрӯз ҳам на ҳама шунавандагон бо василаҳои қобилияти хондан, коркард ва тарҳрезии маълумоти дар шакли электронӣ сабтшуда муҷаҳҳаз мебошанд. Аз ин рӯ, байни нигаҳдории аксарияти мавод дар мавзӯъҳои мухталиф дар дастгоҳҳои нигаҳдории электронӣ ва пурра истифода бурда натавонистани онҳо дар ҳамаи синфҳо зиддият ба амал меояд.

Дар автореферати диссертатсия муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот асоснок гаштааст, проблема, ҳадаф, объект, предмет, фарзия, вазифаҳо кушода дода шудаанд, асоси назариявӣ-методологии тадқиқот пешниҳод шудааст, пойгоҳи корҳои таҷрибавӣ-экспериментали нишон дода шудааст, навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ баён ва тавсиф гаштааст, аҳамияту арзишмандии назариявӣ ва амалии кор зикр шудааст, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодгашта нишон дода шудаанд.

Хулосаи тадқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбасти андешаю мулоҳизаҳои илмии унвонҷӯро дар бандҳои алоҳида фаро мегирад, ки ки мазмуну муҳтавои кори илмӣ-таҳқиқотиро ба таври мухтасар ва муъҷаз инъикос мекунад. Номгӯи адабиёте, ки зикр гаштааст, фарогири бештар аз 210 адад адабиёти илмии марбути мавзӯъ аст.

Дар асосу заминаи автореферат гуфтан мумкин аст, ки тадқиқоти диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии хотимаёфта буда, аз мавқеи назариявӣ ва ҳам амалӣ барои илмҳои педагогика ва ҳам забоншиносӣ, хосатан, дар соҳаи методика ва методологияи таълим, ки унсури муҳим ва таркибии илму таълимот ба ҳисоб меравад, кори таҳқиқотии нав буда, дастоварду натиҷаҳои илмии он барои корҳои илмии минбаъда, таълифу таҳияи асарҳо ва мақолаҳо, таҳия ва коркарди луғату фарҳангҳои соҳавию тафсирӣ, ҷиҳати таҳияи асарҳои илмии монографӣ, таълифи китобҳо ва дастурҳои таълимӣ нисбати методикаи таълими забонҳои

хориҷӣ роҳнамо ва дастурамали муфиду манфиатманде ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, асарҳои илмию мақолаҳои дар ин асос чопнамудаи унвонҷӯ мазмуну моҳият ва муҳтавои диссертатсияро комилан ифода ва инъикос карда метавонанд.

Тадқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарипов Хуршед Алихоновичч сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 -Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Муқарриз:** узви вобастаи Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон, доктори
илмҳои педагогӣ, профессор С. Шербоев
Моб: (992) 908 22 55 59

Имзои С. Шербоевро
тасдиқ менамоям.
Нозири кадрҳои Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон М. Саидова
3.12.2020 с.